**ПОСТАНОВЛЕНИЕ**

**МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**МАДЖЛИСИ НАМОЯНДАГОН МАДЖЛИСИ ОЛИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

Дар хусуси тасдиқи Протокол дар бораи боздошт намудани молҳо аз низоми савдои озод ба Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба савдои озод аз 10 январи соли 1996

Мутобиқи моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

1. Протокол дар бораи боздошт намудани молҳо аз низоми савдои озод ба Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба савдои озод аз 10 январи соли 1996, ки 9 марти соли 2018 дар шаҳри Душанбе ба имзо расидааст, тасдиқ карда шавад.

2. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқарраргардида Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистонро дар бораи аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро гардидани расмиёти дохилидавлатие, ки барои эътибор пайдо кардани Протоколи мазкур заруранд, огоҳ намояд.

Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон — Ш. Зухуров

ш. Душанбе, 25 майи соли 2018,
№ 1102

---

**ҚАРОРИ**

**МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ПОСТАНОВЛЕНИЕ**

**МАДЖЛИСИ НАМОЯНДАГОН МАДЖЛИСИ ОЛИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

О ратификации Протокола об изъятии товаров из режима свободной торговли к Соглашению между Правительством Республики Таджикистан и Правительством Республики Узбекистан о свободной торговле от 10 января 1996 года

В соответствии со статьёй 57 Конституции Республики Таджикистан Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан **постановляет:**

1. Ратифицировать Протокол об изъятии товаров из режима свободной торговли к Соглашению между Правительством Республики Таджикистан и Правительством Республики Узбекистан о свободной торговле от 10 января 1996 года, подписанный 9 марта 2018 года в городе Душанбе.

2. Правительству Республики Таджикистан в установленном порядке уведомить Правительство Республики Узбекистан о выполнении Республикой Таджикистан внутригосударственных процедур, необходимых для вступления в силу указанного Протокола.

Председатель Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан — Ш. Зухуров

г. Душанбе, 25 мая 2018 года,
№ 1102

Протоколи

байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи боздошт намудани молҳо аз низоми савдои озоди Созишнома оид ба савдои озод аз 10 январи соли 1996

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки минбаъд «Тарафҳои аҳдкунанда» номида мешаванд,

ба мувофиқаи зайл расиданд:

Моддаи 1

Боздошт намудани молҳо, ки дар моддаи 2-и Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба савдои озод аз 10 январи соли 1996 (баъдан – «Созишнома оид ба савдои озод»), тааллуқ дорад ба:

1. Рӯйхати маҳсулоте, ки аз Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи замимаи №1 содирот мегарданд.
2. Рӯйхати маҳсулоте, ки аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон тибқи замимаи №2 содирот мегарданд.

Моддаи 2

Нисбат ба маҳсулоте, ки ба онҳо маҳдудиятҳои тарифию ғайритарифӣ дар асоси моддаи мазкури Протокол амалӣ мегарданд, Тарафҳои Аҳдкунанда ба ҳамдигар дар мавридҳои зерин низоми бештари мусоидро пешниҳод менамоянд:

боҷҳои гумрукӣ ва пардохтҳои дигар, ситонидани чунин боҷҳо ва пардохтҳо, тартибу қоидаҳо, ки ба содироти маҳсулот алоқамандӣ доранд, ҳамзамон онҳое, ки ба расмиёти гумрукӣ, транзит, амборкунонӣ ва азнавборкунӣ алоқамандӣ доранд;

андозҳо ва дигар пардохтҳои дохилие, ки бевосита ё бавосита ба маҳсулоти содиротӣ дахл доранд;

тартиби фурӯш, харидорӣ, боркашонӣ, тақсимкунӣ ва истифодаи маҳсулот дар бозори дохилӣ;

додани иҷозатномаҳо.

Моддаи 3

Муқаррароти моддаи 2-и Протоколи мазкур нисбат ба имтиёзҳо ва сабукиҳо, ки ба Тарафҳои аҳдкунанда пешниҳод мегарданд, амалӣ намегарданд:

ба кишварҳои сеюм бо мақсади ташкили иттиҳоди гумрукӣ ё ин ки минтақаи савдои озод ва дар натиҷаи ташкили чунин иттиҳод ё минтақа;

ба кишварҳои рушдёбанда дар асоси созишномаҳои байналмилалӣ;

ба кишварҳои ҳамсоя бо мақсади сабукӣ овардан ба савдои наздисарҳадӣ.

Моддаи 4

Протоколи мазкур қисми ҷудонашавандаи Созишнома оид ба савдои озод мебошад.

Протокол дар бораи боздошт намудани молҳо аз низоми савдои озоди Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба савдои озод аз 10 январи соли 1996, ки 10 январи соли 1996 дар шаҳри Тошканд ба имзо расидааст аз эътибор соқит дониста шавад.

Моддаи 5

Протоколи мазкур аз санаи тавассути роҳҳои дипломатӣ гирифтани маълумоти хаттӣ оид ба иҷро гардидани расмиёти дохилидавлатӣ, ки барои эътибор пайдо кардани он зарур мебошад, эътибор пайдо мекунад.

Дар шаҳри Душанбе 9 марти соли 2018 дар ду нусха, ҳар кадоме ба забони русӣ ба имзо расонида шуда, ҳарду матн қувваи баробар доранд.

| | |
|---|---|
| Аз номи Ҳукумати<br>Ҷумҳурии Тоҷикистон | Аз номи Ҳукумати<br>Ҷумҳурии Ӯбекистон |

Номгӯи маҳсулотҳое, ки аз низоми савдои озод истисно шуда, ҳангоми содироти онҳо аз қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба онҳо аз ҷониби Тоҷикистон боҷи воридотӣ татбиқ мегардад.

| № | Нмфиҳ (тнвэд) | Номгӯи маҳсулот |
|---|---|---|
| 1. | 1704 | Маҳсулоти қаннодӣ аз шакар (ҳамчунин, шоколади сафед), бекакао |
| 2. | 1806 | Шоколад ва дигар маводи таёри хурокии какаодор |
| 3. | 1905 | Нон, маҳсулоти қаннодии нонӣ, пирожнӣ, кулчақанд ва дигар намуди анвои нону булка ва маҳсулоти қаннодии нонӣ, доро ва ё нодорои какао: вафлиҳои варақӣ, ғилофак, капсулаҳои холӣ, барои истифодабарӣ бо мақсадҳои дорутайёркунӣ дар тиб, курсҳои вафлӣ барои бастабандӣ, қоғази биринҷӣ ва маҳсулоти монанд |
| 4. | 2201 | Обҳо, аз ҷумла, табиӣ ё сунъӣ-маъданӣ, газнок, бе иловаи шакар ё дигар маводи ширинкунанда ё хуштаъм -хушбуйкунанда; ях ва барф |
| 5. | 2202 | Обҳо, аз чумла, маъданӣ ва газноккардашуда, дорои иловагиҳои шакар ё дигар маводи ширинкунандаҳо ё хуштаъм-хушбуй ва дигар шарбатҳои беалкогол, гайр аз шарбатхои мева ё сабзавоти мавкеи молии 2009: - обҳо, аз ҷумла, маъданӣ ва газноккардашуда |
| 6. | 2204 | Майҳои табиӣ аз ангур, аз он чумла, баланднокиҳояш; шираи ангур, ғайр аз дар мавқеи молии 2009 қайдкардашуда |
| 7. | 2205 | Вермутҳо ва дигар майҳои ангурии табиӣ бо иловагиҳои маводи растанӣ ё хушбуй: |
| 8. | 2207 | Спирти этилии денатуратсия карданашуда бо консентратсияи спирт ҳаҷмаш 80% ё зиёд; спирти этилӣ ва дигар шаробҳои спиртӣ, денатуратсия кардашуда, ҳама гуна консентратсияҳо |
| 9. | 2208 | Спирти этилии денатуратсия карданашуда бо консентратсияи спирт ҳаҷмаш камтар аз 80%; шаробҳои спиртӣ, ликёрҳо ва дигар нушокиҳои спиртӣ |
| 10. | 391722 | Лӯлаҳо, найчаҳо, рудаҳо ва фитингҳои он (масалан, пайвасткунӣ, банд, ҳалқаҳо), аз пластмасс, аз полимерҳои пропиленӣ |
| 11. | 391723 | Лӯлаҳо, найчаҳо, рудаҳо ва фитингҳои он (масалан, пайвасткунӣ, банд, ҳалқаҳо), аз пластмасс, аз полимерҳои винилхлоридӣ |
| 12. | 540720 | Матоъҳое, ки аз риштаҳои ҳамвор ва ё ба онҳо монанд тайёр карда шудаанд: аз полиэтилен ё полипропилени пахниаш |
| 13. | 5702 | Қолинҳои бофташуда ва дигар намудҳои руйпушҳои бофандагии руифаршии тафтингнашуда ё руйкаш карданашуда, тайер ё нотайёр, ҳамчунин, «килим», «сумах», «кирмонӣ» ва қолинҳои дастибофти ба инҳо монанд |
| 14. | 5703 | Қолинҳо ва дигар намудҳои руйпушҳои бофандагии руифаршии тафтингии тайёр ё нотайёр |
| 15. | 570500 | Қолинҳо ва дигар намудҳои руйпушҳои бофандагии руифаршии тайёр ё нотайёр |
| 16. | 6103 | Корҷома, маҷмуъ, пиҷак, блайзер, шим, комбинезон бо пешбанд ва ресмон ё тасмаи либос, шалвор ва брижа (ба ғайр аз барои оббозӣ), кешии бофти мошинӣ ва дастӣ, мардона ва писарона |
| 17. | 6104 | Костюмҳо, маҷмуъҳо, камзулҳо, блайзерҳо, куртаҳои занона, доманҳо, шимдоманҳо, камбенизон бо пешбанд ва тасма, шалвор ва шортҳои (ба ғайр аз барои оббозӣ) кешии бофти мошинӣ ва дастӣ, занона ва духтарона |
| 18. | 6107110000 | Эзори мардона, трусиҳо, пероҳани шабпушак, пижамаҳо, яктаки оббозӣ, яктаки хонагӣ ва маснуоти монанди кешии бофти мошинӣ ва ё дастӣ, мардона ва писарона, аз ресмони пахтагин |
| 19. | 6115 | Колготҳо, ҷуроби дароз, ҷуроби кутох, ҷуроб ва дигар маснуоти ҷуроббофӣ, аз ҷумла, маснуоти ҷуроббофии компрессионӣ бо таксимоти фишурдагӣ (масалан, ҷуроби кутоҳ барои гирифторони бемории васеъшавии рагҳо) ва попушии бе кафакӣ (тагчарм) |

| | | |
|---|---|---|
| 20. | 6203 | Корҷома, маҷмуҳо, пиҷак, блайзер, шим, комбинезон бо пешбанд ва ресмони (тасмаи) либос, шалвор ва шалвори кутоҳи (ба ғайр аз барои оббозӣ) мардона ва бачагона |
| 21. | 6204 | Костюмҳо, маҷмуъҳо, камзулҳо, блайзерҳо, куртаҳои занонаи тасмадор, шалвор ва шортҳои (ба ғайр аз барои оббозӣ) занона ва духтарона |
| 22. | 6205 | Куртаи мардона ва писарона |
| 23. | 6206 | Куртаи нимтанаи занона, нимтанаи васеъ ва блузони занона ва ё духтарона |
| 24. | 630532<br>630533 | Халтахо ва коғазхалтаҳои борпечонӣ |
| 25. | 7304 | Лулаҳо, найчаҳо ва намоҳои ковок, бедарзҳо, аз филизоти сиёҳ (ғайр аз гудохтаи чуян) |
| 26. | 7114 | Маснуоти тиллой ё нуқрагии заргарон ва қисмҳои онҳо аз филизоти қиматбаҳо ё филизоти бо филизоти киматбахо руйкашшуда |
| 27. | 85444995 | Ноқилҳои изолятсиядор (аз ҷумла, сирдор ё андудашуда), симноқилҳо (аз чумла, симноқили коаксиалӣ) ва дигар ноқилҳои изолятсиядори баркӣ бо асбобҳои васлкунанда ва бе онҳо; симноқилҳои нахию оптикӣ, иборат аз нах бо руйпуши махсус, новобаста аз ёфтан ва наёфтани онхо дар маҷмӯи нимноқилдор ва асбобҳои васлкунанда |

**Номгӯи маҳсулотҳое, ки аз низоми савдои озод истисно шуда, ҳангоми содироти онҳо аз қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Ӯзбекистон нисбат ба онҳо аз ҷониби Ӯзбекистон боҷи воридотӣ татбиқ мегардад**

| № | Нмфих (тнвэд) | Номгӯи маҳсулот |
|---|---|---|
| 1. | 0713 | Сабзавоти лӯбиёии хушконидашуда, пӯстканда, аз пӯсти тухмаш тозакардашуда (14 зерсубпозитсияро дар бар дорад) |
| 2. | 0802 | Дигар мағзҳо, тару тоза ё хушконидашуда, аз пӯчоқ тозакардашуда ё тозакарданашуда, пӯстлохдор ё бе пӯстлох (19 зерсубпозитсияро дар бар дорад) |
| 3. | 0806 | Ангур, тару тоза ё хушконидашуда (5 зерсубпозитсияро дар бар дорад) |
| 4. | 0809 | Зардолу, олуболу ва гелос, шафтолу (ҳамчунин, шаҳддиҳандаҳо), қаролу ва олучабандак, тару тоза (7 зерсубпозитсияро дар бар мегирад) |
| 5. | 0810 | Дигар меваҳо, тару тоза (17 зерсубпозитсияро дар бар дорад) |
| 6. | 0813 | Меваҳои хушконидашуда, ба ғайр аз меваҳои, мавқеъҳои молии 0801 – 0806; омехтаи чормағз ва меваҳои хушконидашудаи гурӯҳи мазкур (15зерсубпозитсияро дар бар мегирад) |
| 7. | 1202 | Фундуқи заминӣ, бирён карда нашуда ё бо тарзи дигар тайёр карда нашуда, пӯст кандашуда ё пӯст канданашуда, майда кардашуда ё майда карданашуда (3 зерсубпозитсияро дар мегирад) |
| 8. | 1905 | Нон, маҳсулоти қаннодии нонӣ, пирожнӣ, кулчақанд ва дигар намуди анвои нону булка ва маҳсулоти қаннодии нонӣ, (23 зерсубпозитсияро дар бар мегирад) |
| 9. | 2201 | Обҳо, аз ҷумла, табиӣ ё сунъӣ-маъданӣ, минералӣ газнок, бе иловаи шакар ё дигар маводи ширинкунанда ё хуштаъм–хушбӯйкунанда; ях ва барф (4 зерсубпозитсияро дар мегирад) |
| 10. | 2202 | Обҳо, аз ҷумла, табиӣ ё сунъӣ-маъданӣ, минералӣ, газнок (5 зерсубпозитсияро дар бар мегирад) |
| 11. | 220300 | Оби ҷави суманакорд (3 зерсубпозитсияро дар бар мегирад) |
| 12. | 2204 | Майҳои табиӣ аз ангур, аз он ҷумла, |

| | | |
|---|---|---|
| | | баланднокиҳояш; ширaи ангур, ғайр аз дар мавқеи молии 2009 қайд кардашуда (133 зерсубпозитсияро дар бар мегирад) |
| 13. | 2205 | Вермутҳо ва дигар майҳои ангурии табиӣ бо иловагиҳои маводи растанӣ ё хушбӯй (4 зерсубпозитсияро дар бар мегирад) |
| 14. | 2008 | Меваҳо, мағзҳо ва дигар қисмҳои хӯрданбоби растаниҳо (137 зерсубпозитсияро дар бар мегирад) |
| 15. | 2402 | Сигорҳо, сигорҳо бо қисми охирашон буридашуда, сигориллҳо ва сигорҳо аз тамоку ё ивазкунандаҳои он (4 зерсубпозитсияро дар бар мегирад) |
| 16. | 2403 | Дигар истеҳсолоти саноатии тамоку ва ивазкунандаҳои саноатии тамоку; тамокуи «гомогенишуда" ё «барқароршуда"; шира ва ҷавҳари тамоку (7 зерсубпозитсияро дар бар мегирад) |
| 17. | 3214 | Молиданиҳо барои шишабарорӣ ва боғ, сементҳои қатронӣ, таркибаш барои сахт кардан ва дигар мастикаҳо; ғӯрагаҷҳо барои корҳои рангмолӣ (5 зерсубпозитсияро дар бар мегирад) |
| 18. | 6103 | Корҷома, маҷмӯъ, пиҷак, блайзер, шим, комбинезон бо пешбанд ва ресмон ё тасмаи либос, шалвор ва брижа (14 зерсубпозитсияро дар бар мегирад) |
| 19. | 6115 | Колготҳо, ҷуроби дароз, ҷуроби кӯтоҳ, ҷуроб ва дигар маснуоти ҷуроббофӣ (16 зерсубпозитсияро дар бар мегирад) |
| 20. | 6201 | Палто, нимпалто, китфпӯшак, плаш, нимтана (ҳамчунин, лижаронӣ), ветровка, штормовка (10 зерсубпозитсияро дар бар мегирад) |
| 21. | 6203 | Корҷома, маҷмӯъ, пиҷак, блайзер, шим, комбинезон бо пешбанд ва ресмони (тасмаи) либос, шалвор ва шалвори кӯтоҳи (42 зерсубпозитсияро дар бар мегирад) |
| 22. | 6204 | Корҷома, маҷмӯъ, пиҷак, блайзер, шим, комбинезон бо пешбанд ва ресмони (тасмаи) либос, шалвор ва шалвори кӯтоҳи (52 зерсубпозитсияро дар бар мегирад) |
| 23. | 6205 | Куртаҳои мардона (4 зерсубпозитсияро дар бар мегирад) |
| 24. | 6211 | Либоси варзишӣ, барои лижаронӣ ва оббозӣ; дигар ашёҳои либосворӣ (25 зерсубпозитсияро дар бар мегирад) |
| 25. | 6216 | Дастпӯшакҳо, дастпӯшакҳои бепанҷа ва дастпӯшакҳои бепанҷаи занона (2 зерсубпозитсияро дар бар мегирад) |
| 26. | 6217 | Дигар лавозимоти тайёршуда ба либосворӣ; қисмҳои пӯшокворӣ ва ё лавозимот ба либосворӣ (2 зерсубпозитсияро дар бар мегирад) |
| 27. | 7306 | Лӯлаҳо, найчаҳо ва дигар намоҳои ковок (27 зерсубпозитсияро дар бар мегирад) |